**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзӯи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи граждани» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Мавзуи диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ бахшида шудааст. Унвонҷӯ мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ хеле судманд мебошанд. Рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳким бахшидани самтҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ба даст дароварда мешавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, агар ҳадафи олии рушди дарозмӯҳлати Тоҷикистон - баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар муайян гардида бошад, ноил гардидан ба ин ҳадафи олӣ инчунин бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, таҷҳизоту барномаҳои таъминотии он ва таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқии ин объектҳо дар қаламрави кишвар дастрас шуда метавонад .

Истифодаи васеи барномаҳои компютерӣ ва дигар маводҳои барномавӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти одамон унсурҳои фарққунандаи марҳалаи нави рушди иҷтимоие маҳсуб меёбад, ки нишонаи асосии он бо нақши ҳалкунандаи дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар соҳаи технологияҳои ахборотӣ ва коммуникатсионӣ маънидод карда мешавад.

Диссертатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якумин кори маҷмӯии монографие мебошад, ки ба масъалаҳои муҳимтарини барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ бахшида шудааст. Дар кори илмии мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии барномаи компютерӣ ба

таври комплексӣ дида баромада шудааст. Аз ин рӯ навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки:

Диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои диссертатсионии ба масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ бахшида шуда ба шумор меравад. Дар кори илмии мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии барномаи компютерӣ ба таври комплексӣ дида баромада шудааст. Аз ин рӯ навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаммоҳои мавҷудаи танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва истифодаи чунин барномаҳо ошкору муназзам карда шуданд (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд, шаклу тарзҳои хосаи ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ ошкор карда шуданд, бартариву махсусиятҳои татбиқи шаклу тарзҳои мушаххаси ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагӣ ошкор ва асоснок карда шуданд.

**Объекти таҳқиқот** муносибати ҳуқуқие мебошад, ки вобаста ба бунёд ва истифодаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзӯи таҳқикотро** муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқии марбут ба барномаҳои компютерӣ, равандҳои рушди ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ, ҳолати ҳуқуқии объектҳои ҳифз, имконият ва услубҳои муҳофизат, инчунин роҳҳои такмили он ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои диссертатсионии ба масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ бахшида шуда ба шумор меравад. Дар кори илмии мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии барномаи компютерӣ ба таври комплексӣ дида баромада шудааст. Аз ин рӯ навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки:

1. Муаммоҳои мавҷудаи танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва истифодаи чунин барномаҳо ошкору муназзам карда

шуданд (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд;

2. Шаклу тарзҳои хосаи ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ ошкор карда шуданд, бартариву махсусиятҳои татбиқи шаклу тарзҳои мушаххаси ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагӣ ошкор ва асоснок карда шуданд;

3. Мубрамтарин муаммоҳои истифодаи шаклу услубҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ бо дарназардошти рушди дастовардҳои ҷаҳонӣ баррасӣ гардиданд;

4. Татбиқи муносибати бисёртарафа ба барномаҳои компютериии дорои объектҳои серҷабҳа, таҳлил ва асоснок карда шудаанд;

5. Навтарин тағйироту иловаҳои қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи барномаҳои компютерӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, муаммоҳои ҳуқуқию мураккабиҳои эҳтимолии татбиқи амалии навгониҳо ошкор карда шудаанд;

6. Бо мақсади такмили танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ тавсияҳову пешниҳодҳо ба тасвият расиданд.

Муносибати истифодашуда имкон дод, ки муаммои масъалаҳои мубрами низоми ҳифзи барномаҳои компютерӣ умуман ва ҷузъан бо шаклу тарзҳои ҳифзи онҳо ва вижагиҳои татбиқашон ҳаматарафа баррасӣ гарданд.

Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро осори мутахассисони соҳаи муҳофизати барномаҳои компютерии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ бо механизмҳои ҳуқуқи патентию муаллифӣ, ҳамчунин оид ба муаммоҳои мақоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва умуман нуктаҳои ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ фарогиранд. Зимни таҳқиқот асноди қонунгузорие таҳлил карда шуданд, ки муносибати марбутаи бунёди ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодаи барномаҳои копютерӣ ба таҳлил расиданд. Дар рисола ба ҳайси

сарчашмаҳои асосии меъёрӣ Лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ва ғайра истифода шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки нуктаҳои назариявӣ ва хулосаҳои он метавонанд истифода шаванд: барои такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ; ҳангоми коркарди асноди зерқонунии меъёрии ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ; дар раванди таълим зимни таҳияи лексия дар макотиби олӣ ва дар низоми такмилили ихтисос; ҳангоми таҳқиқоти илмии соҳаи мазкур.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир меёбад, ки ақидаҳои асосии аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта ва барои дифоъ пешниҳод гардида, хулосаву мулоҳизоти муаллиф, таклифоти хусусияти амалӣ дошта, таклифоти барои дифоъ баровארда, аҳамияти назаррасро барои такмилдодани қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибҳуқуқии барномаҳои компютерӣ дошта метавонанд.

Умуман рисолаи диссертатсионии мазкур барои такмили Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ равона мегардад. Мазмун ва мӯҳтавои асосии нуктаҳои диссертатсия дар як қатор мақолаҳои илмӣ чоп шудааст.

Хулоса, муаллиф ба мақсади кори илмӣ расида, вазифаҳои гузоштаро пурра иҷро намудааст.

Таҳқиқоти Болтуева Машҳурахон Ёқубовна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро онҳо натиҷаҳои мустақилона бадастовардаи муаллиф буда, барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки чандин падидаҳо ва паҳлуҳои муҳимми илми ҳуқуқи хусусӣ такмил

ёбанд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳамияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи кор ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи хусусии римӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатми бакалаврӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар умум таҳқиқоти диссертатсионии Болтуева Машҳурахон Ёқубовна ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Рисолаи диссертатсионии Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзӯи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» бо ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори илмии қонунӣ буда, муаллиф сазовори унвони илмии “номзади илми ҳуқуқ” мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
Мудири шӯъбаи ҳуқуқи хусусии ИФСҲ АМИТ
номзади илми ҳуқуқ А.Абдуҷалилов

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33
Тел.: (+992) 918421104

Имзои А. Абдуҷалиловро тасдиқ мекунам:
Нозири калони Шуъбаи кадрҳои
ИФСҲ-и АМИТ Шозедов Х.
28.03.2022